***УДК 342***
***ББК 67.400.3***

***БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО РОҶЕЪ БА ТАЪМИНИ СИЁСАТИ ГЕНДЕРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН***

***Юсупова Зарина Шарофиддиновна,***
*муаллимаи калони кафедраи ҳуқуқи конститутсионии ДДҲБСТ (Тоҷикистан, Хуҷанд)*

***НЕКОТОРЫЕ СООБРАЖЕНИЯ ОБ ОБЕСПЕЧЕНИИ ГЕНДЕРНОЙ ПОЛИТИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН***

***Юсупова Зарина Шарофиддиновна,***
*старший преподаватель кафедры конституционного права ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

***SOME CONSIDERATIONS ON GENDER POLICY INSURANCE IN TAJIKISTAN REPUBLIC***

***Yusupova Zarina Sharofiddinovna,***
*senior lecturer of the department of constitutional law under TSULBP (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:*** *zysh1981@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *сиёсати гендерӣ, қонунгузории гендерӣ, вазъи ҷамъиятӣ- ҳуқуқӣ, нобаробарҳуқуқии мардон ва занон, ҳифзи давлатии занон,нақши занон дар ҷамъият*

*Сиёсати гендерии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар асоси сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ-оммавӣ муҳимтарин паҳлӯҳои вазъи ҳуқуқиву иҷтимоии мардону занон, ҷалби занон ба фаъолияти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, амалишавии сиёсати гендерӣ, баланд бардоштани нақш ва мақоми занон, фаъолияти Кумитаи кор бо занон ва оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлилҳо доир ба зуҳуроти нобаробарии марду зан, ташкили низоми давлатии ҳимояи иҷтимоии занҳо мухтасар баррасӣ гаштаанд. Таъкид гардидааст,ки ба таъмини баробарии гендерӣ дар Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 таъсири манфӣ расонидааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1998 Нақшаи миллии амлиётро дар ҷодаи баланд бардоштани нақш ва мақоми занон роҳандозӣ намуда, дар ин самт даҳҳо барномаву стратегияҳо қабул намудааст. Дар бораи афзудани нақши занон дар ҷомеа далелҳои мушаххас оварда шудааст.*

***Ключевые слова:*** *гендерная политика, гендерное законодательство, неравенство мужчин и женщин, государственная защита женщин, роль женщин в обществе*

*Рассмотрены вопросы гендерной политики в Республике Таджикистан. На основе источников и научно-популярной литературы раскрыто общественно-правовое состояние мужчин и женщин, вовлечение женщин в политическую, экономическую, общественную и культурную жизнь, реализация гендерной политики, повышение места и роли женщин в обществе, деятельность Комитета по делам женщин и семьи Республики Таджикистан, проблемы неравенства мужчин и женщин, организация системы государственной защиты женщин и др. Констатируется, что на обеспечение гендерного равенства негативно повлияла гражданская война в Таджикистане 1992-1997 гг. Правительство Республики Таджикистан в 1998 г. разработало Национальный план действий в повышении места и роли женщин, и в этой области приняты десятки программ и стратегий. Приведены данные о повышении роли женщин в обществе.*

***Key-words:*** *gender policy, gender legislation, inequality of men and women, state protection of women, role of women in society*

*The article analyzes the issues of gender policy in the Republic of Tajikistan. On the basis of sources and popular science literature, social and legal status of men and women, involvement of women into political, economic, social and cultural life of the country, implementation of gender policy, enhancement of the place and role of women in society, activities of the Committee on Women and Family Affairs of the Republic of Tajikistan, problems of inequality of men and women, organization of the system of state protection of women, etc. are revealed. It is stated that the civil war in Tajikistan in 1992-1997 had a negative impact on ensuring gender equality. Since 1998, the Government of the Republic of Tajikistan has elaborated the National Action Plan to enhance the place and role of women and dozens of programs and strategies were adopted in this area. The article adduces the data on elevating the role of women in society.*

Дар шароити кунунӣ, ки пешрафти илму техника мушоҳида карда мешавад ва муносибатҳои нав ба нави ҷамъиятӣ арзи ҳастӣ мекунанд, баробарии вазъи ҳуқуқиву иҷтимоии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии ҳуқуқҳои онҳо талаби замон аст. Ҳукумати Тоҷикистон сиёсати гендериро пеша намудааст, ки он ба намояндагони ҳар ду ҷинс имконияти озодона инкишоф додани қобилияту тавоноӣ, маҳорат ва малакаашонро барои иштирок дар раванди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва азхудкунии натиҷаи он медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки дар сиёсати дохилии давлат танзими ҳаёти ҷамъиятӣ нақши муҳим мебозад. Қонуну қарорҳои давлат, фаъолияти амалии сохторҳои ҳокимият метавонанд раванди ҳамгироии фардҳоро дар ҳаёти иҷтимоӣ тезонанд ё суст гардонанд. Фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, қонеъгардонӣ ва ҳамоҳангсозии талаботи шахсият ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ, таъмини сатҳи хуби зиндагӣ таъсири назаррас мерасонанд.

Дар Тоҷикистон муассисаи асосие,ки ба пешбурди сиёсати гендерӣ масъул аст, Кумитаи кор бо занон ва оила маҳсуб меёбад. Кумита ба фаъолияти гуногунҷанба, аз таҳқиқи масъалаи занон то шунидани арзу шикояти шаҳрвандон, тарғиби фаъолияти занон дар васоити ахбори омма, танзими кори ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ доир ба масъалаҳои баробарии гендерӣ ва ғайра машғул аст. Дар назди кумитаи кор бо занон 110 марказҳои минтақавии иттилоотӣ- машваратӣ ва рафъи бӯҳрон, ки аз буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд, амал мекунанд [19,с.15].

Ҳукумати Тоҷикистон аз соли 1994 уҳдадории муваффақ шудан ба баробарии гендериро бар дӯш гирифт. Яке аз дастовардҳои муҳимми Тоҷикистони соҳибистиқлол дар самти баробарии гендерӣ ин таҳия ва қабули санадҳои ҳуқуқии татбиқи сиёсати гендерӣ маҳсуб меёбад. Тоҷикистон дар ин ҷода тадбирҳои судманд андешида, шартномаҳои байналхалқиро тасвиб ва қонунгузории миллиро бо санадҳои меъёрии байналхалқӣ мутобиқ намудааст [11,с.3].

Ба ҳама маълум аст, ки шароити зиндагии мардон ва занон аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ мекунанд, ки ин то дараҷаи муайян ба фаъолияти наслофарии занҳо вобастагӣ дорад. Вале мушкилоти нобаробарии гендерӣ дар вуҷуд доштани фарқият не, балки дар он аст, ки ин тафовут набояд ба мустақилияти мардҳо ва занон таъсири манфӣ расонад. Дар ҳалли ин масъала сиёсати иҷтимоии давлат нақши муҳим мебозад. Сиёсате, ки ба манфиати мардҳо ва занон дахл мекунад, хусусияти мушаххаси таърихӣ дорад. Мазмун ва самаранокии он аз омилҳои зерин вобаста аст:

- якум, аз он ки аҳли ҷамъият ва сиёсат моҳияти масъалаи занон, идеологияи муносибат ба занро чӣ тавр мефаҳмад;
- дуюм, аз намуди муносибати иқтисодӣ ва сатҳи тараққиёти иҷтимоию иқтисодии давлат;

- сеюм, аз хусусиятҳои тартиботи сиёсӣ сатҳи демократия дар давлат ва ҷамъият;

- чорум, аз мавқеъ ва ташаббуснокии субъектҳои сиёсати давлат: сохторҳои ҳокимият, ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ,оммаи занон.

Сиёсати давлатии падарсолорӣ сиёсатест, ки ба назарияи муайяни тақсимоти вазифаҳои оилавӣ ва ҷамъиятӣ дар байни мард ва зан асос ёфтааст. Дар айни ҳол вазифаҳои табиии зан аз тарбияи фарзандон ва рӯзгордорӣ иборат аст, мард бошад нақши субъекти фаъолияти давлатӣ, касбӣ ва ҷамъиятӣ, сардор ва саробони оила, пайвандгари робитаи байни оила ва ҷамъиятро мебозад.

Профессори ҷомеашиноси мактаби иқтисодии Берлин Б. Пфау Эффингер чунин модели ҷомеаро модели анъанавии мардҳои саробон ва занҳои кадбону меномад [16,с.27]. Дар афкори феминистии ватанӣ ин намуди иерархияи гендерӣ чун шартномаи кадбону барои занҳо ва саробон – сарпарасти зиндагӣ барои мардҳо дониста шудааст [2,с.7].

Хусусиятҳои хоси сиёсати давлатии гендерӣ аз инҳо иборатанд:

-аз тарафи давлат этироф карда шудани баробарҳуқуқии юридикии ҷинсҳо, қабул намудани қонунҳое, ки барои мардҳо ва занҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, муносибатҳои оилавию никоҳӣ ҳуқуқҳои баробар муқаррар мекунанд;

-иштироки васеи занҳо дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ;

-инкишофи соҳаҳои хизматрасонӣ бо мақсади фароҳам овардани шароитҳое, ки зан тавонад вазифаҳои наслофарӣ, истеҳсолӣ ва оилавиаш, аз ҷумла тарбияи ҷамъиятии кӯдакон ва умумигардонии рӯзгорро баробар иҷро кунад;

-ташкили низоми давлатии ҳимояи иҷтимоии занҳо дар шакли имтиёзҳо, ёрдампулиҳо, рухсатӣ барои таваллуди кӯдак ва нигоҳубини он, маҳдуд намудани меҳнати занҳо ва ҳоказо [10,с.39].

Азбаски зуҳуроти нобаробарии марду зан ҳам дар давлатҳои тараққикарда ва ҳам дар давлатҳои тараққиёбанда ҷой дорад, аксари олимон бар онанд, ки барои муваффақ шудан ба баробарии ҳақиқии ҷинсҳо муносибати нав, дурнамо ва усулҳои нави кор лозиманд. Яке аз чунин стратегияҳо назари комплексӣ ба масъалаи баробарии ҷинсҳо гардид, ки он ҳамчун принсипи сиёсати давлат дар ҳуҷҷатҳои Конференсияи чоруми умумиҷаҳонии СММ оид ба масъалаҳои занҳо соли 1995 дар Пекин пешниҳод карда шуд [15]. Мақсади он ҳамбастагии амалиёт барои таҳкими баробарии байни ҷинсҳо дар тамоми стратегия ва барномаҳои сиёсӣ, дар мавридҳои зарурӣ, то қабул намудани ҳама гуна қарор таҳлил кардани оқибатҳои имконпазири онҳо мутобиқан барои занҳо ва мардҳо мебошад. Стратегияи мазкур дар ҳаёти сиёсии бисёр давлатҳои тараққикарда ба монанди Канада, Олмон, Шветсия, Финландия, Норвегия ва ғайра фаъолона татбиқ карда мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ талаботи Эъломияи Пекин ва Барномаи амали онро, ки дар Конференсияи Чоруми Умумиҷаҳонии СММ соли 1995 қабул гаштааст, мавриди истифода қарор дода, тадбирҳои зайлро роҳандозӣ намуд:

1. Таҳияи асосҳои ҳуқуқии таъмини баробарии гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Ҷорӣ намудани масъалаҳои гендерӣ ба сифати мавзӯи асосии стратегияи коҳиш додани камбизоатӣ ва сиёсати рушди миллӣ.
3. Ҷорӣ намудани принсипи баробарҳуқуқии мардон ва занон дар масълаи дастрасӣ ба замин дар сатҳи қонунгузорӣ ва сиёсати давлатӣ.
4. Ҷорӣ намудани квотаҳои президентӣ барои ҷалби духтарони минтақаҳои алоҳида баҳри таҳсил дар мактабҳои олӣ [12].

Намуди муҳими сиёсати давлати ин сиёсати гендерии фаъол мебошад, ки ин намуди сиёсат ба баробарии гендерӣ дар бобати таъмини дастрасии баробари марду зан ба

захираҳои истеҳсолӣ ва манбаъҳои гирифтани даромад мусоидат менамояд; вақт ва заҳмати занҳоро дар рӯзгордорӣ кам мекунад; ҳифзи иҷтимоиро аз лиҳози гендерӣ таъмин менамояд; обрӯи сиёсии занҳоро баланд мебардорад ва ба иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсии мамлакат мусоидат мекунад.

Ба таъмини баробарии гендерӣ дар Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 таъсири манфӣ расонид. Дар ин ҷанг қариб 1% аҳолӣ ҳалок гардид, 25000 зан бева монд, 55000 кӯдак ятим гашт, қариб як миллион нафар иҷборан муҳоҷир гашт, зарари иқтисодӣ $7млрд-ро ташкил дод, инфрасохтори иҷтимоии мамлакат фалаҷ гардид [8,с.128]. Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ҳазорҳо мардон ҳалок шуданд ё беному нишон гаштанд, занон у духтарон низ ба вазъияти ногувор фаромада буданд, силоҳбадастон ва афроди ҷиноятпеша онҳоро маҷбуран ба никоҳи худ мегирифтанд ё ба фурӯш мемонданд [7,с.25].

Баъди итмоми ҷанги шаҳрвандӣ Тоҷикистон дар феҳристи баробарҳуқуқии марду зан ҷои 95-умро дар миёни кишварҳои Гурҷистон ва Парагвай дарёфт кард. Бинобар маълумоти оморӣ, нисфи аҳолии Тоҷикистонро бонувон ташкил мекунанд. Исландия, Норвегия, Финландия, Руанда ва Шветсия дар феҳрист панҷ пиллаи болоиро ишғол кардаанд. [1].

Соли 1996 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумат созмон дода мешавад, ки ба дӯши он ҳамоҳангсозии тадбирҳо барои пешбурди баробарии гендерӣ, пешгирии табъиз бар зидди занон, духтарон ва гурӯҳҳои осебпазир ва рафъи хушунати гендерӣ вогузошта мешаванд.

Соли 1998 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нақшаи миллии амалиётро дар ҷодаи баланд бардоштани нақш ва мақоми занон барои солҳои 1998-2005 қабул намуд. Дар нақшаи мазкур тадбирҳо доир ба гузаронидани таҳлили гендерии қонунгузорӣ, ташаккули захираи кадрҳо баҳри пешбарӣ намудан ба сохторҳои идорӣ дар заминаи гендерӣ пешбинӣ шуданд [11,с.4].

Дар таъмини баробарии гендерӣ Фармони сарвари давлат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 3 декабри соли 1999 «Дар бораи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷамъият» аҳамияти калон касб намуд. Чӣ тавре О.Э Раҳмонова қайд намудааст фармони мазкур “бо мақсади таъмини иштироки васеи занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва идоракунии давлат, баланд бардоштани мақоми иҷтимоии онҳо солимии генофонди миллӣ, фаъол гардонидани мақоми занон дар мустаҳкам гаштани асосҳои ахлоқӣ” қабул шудааст [17,с.123].

Бояд қайд намуд, барои баланд бардоштани сиёсати гендерӣ ва таъмин намудани баробарии зану мард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 8-уми августи соли 2001 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №391 «Дар бораи Барномаи давлатии самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумхурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010» аз ҷониби Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба имзо расид. Тавре дар он зикр шудааст, мақсад аз қабули Барномаи мазкур таъмини иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 1999 таҳти №5 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» буд. Дар Барнома якчанд масъалаҳо роҷеъ ба таъмини баробарҳуқуқии занону мардон, нақши занон дар сиёсат, иқтисодиёт, оила ва пешгирии зӯроварӣ нисбати занон, қабули санадҳои барномавӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдаку модарон, тандурустии репродуктивӣ ва ғайра пешбинӣ шудаанд [11,с.4].

Зиёда аз ин, дар ин бобат як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили “Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016”,“Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020”,

“Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023”, “Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022” қабул гардиданд, ки амалӣ гаштани ин барномаҳо дар ҷомеаи мо ҳамчун омили муҳимми сифати ҳиссагузории занон дар рушди устувори ҷомеа аз аҳамияти хоса ва манзалати олии ҳуқуқи онҳо шаҳодат медиҳад.

Масъалаҳои таъмин намудани баробарии гендерӣ дар тамоми санадҳои стратегии рушди кишвар ворид гардида, беш аз 40 санади меъёрии ҳуқуқӣ бо дарназардошти усулҳои гендерӣ қабул гардиданд. Инчунин, ҳамоҳангсозии амалҳо барои татбиқи сиёсати гендерӣ амалӣ гардида, сиёсати чораҳои муваққатӣ ва механизмҳои пешгирии зӯроварӣ нисбати занон татбиқи худро ёфтанд.

Амалигардонии барномаҳои роҳбарӣ, ҷудо намудани грантҳои президентӣ барои рушди фаъолияти соҳибкории занон, квотаҳо барои дохил шудан ба мактабҳои олӣ ва бо таҳсил фаро гирифтани духтарон, дастгирии духтарон бо идрорпулиҳо, таъсиси Марказ барои духтарони ятим, дастгирии модаршавии бехавф ва саломатии занон дар фаъолгардонии нақши зан дар ҷомеа мавқеи муҳимро касб намуд.

Умуман сиёсати гендерии давлат баробарии гендериро дар се самт бояд таъмин намояд: якум, баробарии марду зан бояд дар қонунгузории мамлакат инъикос гардад; дуюм, фароҳам овардани имкониятҳои баробар ҳам барои мардон ва ҳам барои занон; сеюм, фароҳам овардани шароити баробарӣ, яъне рафъ намудани ҳама гуна монеъаҳо ва пешгирии зӯроварӣ [3,с.10].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 27 апрели соли 2000-ум таъкид шудааст,ки дар ҳайати праламенти ду палатагии нав таъсисёфта миқдори занон нисбат ба даъватҳои гузашта ду баробар зиёд мебошад [14,с.12].

Дар соли 2000 теъдоди занон дар мақомоти марказии идоракунии давлатӣ ва сохторҳои он 2800 нафар (24,2%), аз ҷумла дар вазифаҳои роҳбарикунанда – 515 нафар (16,8%); дар мақомоти маҳаллӣ идоракунии давлатӣ 993нафар (26,7%), аз ҷумла дар вазифаи роҳбарӣ - 310 нафар (21,3%); дар мақомоти худидоракунии маҳаллӣ – 562 нафар(17,0%), аз ҷумла дар вазифаи роҳбарӣ – 241 нафар (20,5%)-ро ташкил доданд [11,с.18].

Дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №391 аз 8-уми августи соли 2001 «Дар бораи Барномаи давлатии самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010» дар самти баланд бардоштани мақоми занон дар мамлакат тадбирҳои мушаххас андешида шуданд ва дар муддати кӯтоҳ қарори мазкур самараи нек дод ва боиси афзудани нақши занон дар ҷомеа гардид. Як қатор занони қобилиятнок ва ботаҷриба ба мансабҳои масъули давлатӣ таъин шуданд, ки бомуваффақият адои вазифа мекунанд [14,с.66]. Дар Паёми сарвари давлатамон аз соли 2014 омадааст,ки аз 18 300 нафар хизматчиёни давлатӣ, ки дар мақомоти марказиву маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҷамоатҳо фаъолият менамоянд, 4315 нафар ё 24 фоизро занон ташкил доданд. Айни замон танҳо дар мансабҳои роҳбарикунандаи мақомоти давлатӣ 1100 нафар занон фаъолият доранд, ки аз ин 500 нафар ба сохторҳои роҳбарикунандаи вазорату идораҳо рост меояд [14,с.591-592].

Дар соли 2020 бошад ба хизмати давлатӣ 4355 нафар занон ҷалб гардиданд, ки 23,4% хизматчиёни давлатиро ташкил мекунад. Аз ин теъдод 1066 нафар занон дар мансабҳои роҳбарикунанда (18,7% аз теъдоди умумии кормандони роҳбарикунанда) фаъолият доштанд [11,с.18].

Дар соли 2020 занон 70% кормандони соҳаи маорифро, 67% кормандони соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоиро, 51% кормандони фарҳангроз, 36 % кормандони соҳаи бонкдорро, 21,4 % роҳбарони хоҷагиҳои деҳқониро, 23,1 % соҳибкорзанонро ташкил додаанд,ки онҳо дар рушди иқтисоди кишвар саҳми босазо гузоштаанд[18].

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолии кишварамон вазъияти занон дар деҳот хеле вазнин буд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи ташкилотҳои давлатӣ, ғайриҳукуматӣ ва аҳзоби сиёсиро вазифадор намуд,ки фаъолияти худро нисбати занони деҳот ва баланд бардоштани маърифатнокии онҳо ҷоннок намоянд, зеро хавфи ба хурофоти асримиёнагӣ кашидани занон дар баъзе минтақаҳои кишвар ҳанӯз аз байн нарафта буд.

Дар Тоҷикистон соли 2009-ум 45% қувваи кориро занон ташкил медоданд. Теъдоди занон дар соҳаҳои тандурустӣ ва маориф, ки дар ин соҳаҳо даромаднокӣ нисбат ба дигар соҳаҳо камтар аст, нисбат ба мардон зиёд буд. Дар соҳаи кишоварзӣ 48% қувваи кориро занон ташкил медоданд, вале эҳтимол дорад ин рақам бештар бошад, зеро занон ба кори саҳроӣ ба шавҳарони худ, бидуни гирифтани маош кор мекунанд. Соли 2013 қисми зиёди коркунони хоҷагии қишлокро занон ташкил медоданд(75,1%), аммо теъдоди занони сарвар дар хоҷагиҳои деҳқонӣ нисбат ба мардон хеле кам буд (ҳамагӣ 8%-ро ташкил медод). Занон инчунин дар бозори ғайрирасмӣ (корҳои кироя, мардикорӣ, муздурӣ) бо гирифтани музди ночиз кору фаъолият мебаранд. Дар соли 2013 маоши занон ҳамагӣ 63,3 % маоши миёнаи мардонро ташкил медод, аммо ин рақам дар солҳои охир каме афзоиш ёфтааст [19,с.16].

Дар самти ҷалби занон ба истеҳсолот тадбирҳои судманд андешида шуданд. Ҳукуматҳои маҳаллӣ ба ташкили кори хонагӣ, хунарҳои дастӣ ва дигар намудҳои косибӣ барои занону духтарони хонашин ва бо ҳамин роҳ паст намудани шиддати бекорӣ таваҷҷӯҳи бештар зоҳир менамоянд. Барои дастгирии фаъолияти соҳибкории занон аз соли 2006 то 2011 дар ҳаҷми 3 миллиону 300 ҳазор сомонӣ грантҳои президентӣ ҷудо гардиданд, ки ин амал боиси афзудани шумораи занону духтарони соҳибкор гашт [14,с.459]. Соли 2014 нуфузи занон дар самти соҳибкорӣ бештар гардида, онҳо беш аз 30 фоизи соҳибкорони мамлакатро ташкил доданд.

Агар дар заминаи гендерӣ афзоиши нуфузи занонро дар сектори хусусӣ таҳлил намоем, пас маълум мегардад,ки соли 2010 дар соҳаи соҳибкорӣ 11,7% занон фаъолият бурдаанд, дар соли 2018 ин нишондод 31,5 %-ро ташкил додааст. Дар соҳаи соҳибкорӣ занон ба ҳайси сарвар дар 45% -и корхонаҳои хурду миёнаи тиҷоратӣ фаъолият мебаранд, дар 25%-и корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ ва дар 19% -и корхонаҳои истеҳсоли кишоварзӣ занон роҳбарӣ мекунанд [6,с.7].

Дар Тоҷикистон бештари занон дар соҳаи маориф ва тандурустӣ фаъолият мебаранд. Чунончӣ, дар соли 2014 аз 193 ҳазор нафар кормандони соҳаи маориф 54,9 фоиз ё қариб 106 ҳазор нафарро ва дар соҳаи тандурустӣ аз 88 ҳазор нафар кормандон 66,5 фоиз ё қариб 60 ҳазор нафарро занон ташкил медоданд [14,с.592].

Умуман, дар ҷумҳуриамон амалӣ гардидани барномаҳои давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ имкон дод, ки дар давоми солҳои 2006-2016 зиёда аз 1 миллион ҷойҳои кори доимӣ, муваққатӣ ва мавсимӣ таъсис дода шуда, танҳо тавассути мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 315 ҳазор нафар бо ҷойи кор таъмин гарданд, ки 30 фоизи онҳоро занон ташкил доданд [14,с.663-664].

Аммо занон дар масъалаи таъмин гаштан ба ҷойи кори арзанда ба душвориҳо рӯ ба рӯ мегарданд. Аз ин лиҳоз онҳо дар ҷамъият мақоми шоиста касб карда наметавонанд, ба беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ ноил намегарданд, ба рушди иқтисодиёт ба таври кофӣ саҳм намегиранд. Дар бозори меҳнати Тоҷикистон сегрегатсия (тафриқа) ба миён

омадааст. Аз сабаби дар соҳаҳои камдаромад (кишоварзӣ, тандурустӣ ва маориф) фаъолият бурдан дар Тоҷикистон занон маоши паст мегиранд. Масалан, дар соли 2015 маоши миёнаи занон 61,1 фоизи маоши миёнаи мардонро ташкил додааст (дар соли 2010 ин нишондиҳанда-64,6 фоиз буд)[3].

Яке аз самтҳои асосии ҳалли муаммои нобаробарии гендерӣ дар бозори меҳнат қабул гаштани Кодекси нави меҳнат дар Тоҷикистон (соли 2016) ба шумор меравад. Дар ҳуҷҷати мазкур аз ҷумла, аз корфармо талаб карда шудааст, ки занҳои ҳомиладор ва занҳои соҳиби фарзандро бе мамониат ба кор қабул кунанд, ҳаҷми маоши занони ҳомиладор ва бо нигоҳубини кудакон машғулбударо кам накунанд. Ба ғайр аз ин дар кодекси меҳнат меъёрҳои махсус ва талабот нисбати ӯҳдадории занон дар оила мушаххас муайян карда шудаанд[13].

Дар сохторҳои идорӣ, муассисаҳои давлатӣ ҷиҳати амалишавии "Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022" (дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2016, № 496 тасдиқ шудааст) тадбирҳо андешида мешаванд. Чунончӣ, таи солҳои охир дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши таҳти унвони «Духтарони Пешво», «Зан - роҳбар», «Зан-сарвар», «Мактаби сарварони ҷавон», «Зан ва сиёсат» доир гардида, то имрӯз зиёда аз 130 нафар занону духтарон дар ин курсҳо такмили ихтисос намуданд[9].

Дар Тоҷикистон тадбирҳо баҳри зиёд намудани теъдоди занон дар вазифаҳои идоракунии давлатӣ андешида шуданд, ки дар натиҷаи он соли 2020 -ум наздик 25 фоизи хизматчиёни давлатиро занон ташкил доданд. Ин нишондиҳанда дар соли 2022 ба 30 фоиз расонида хоҳад шуд[3].

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Рӯзнома дар самти рушди устувор» то соли 2030-ро тасдиқ намуд. Инчунин Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи 2030 қабул карда шуд, ки дар он самтҳои асосии ноил гардидан ба мақсадҳои рушди устувор бо назардошти баробарии гендерӣ то соли 2030 муайян гардидааст.

Ҳамин тавр, дар сиёсати давлатии Тоҷикистон дар саросари кишвар боло рафтани мақоми зан дар ҷомеа ва таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардону занон танҳо ба шарофати истиқлолияти давлатӣ амалӣ гардид. Роҳбарияти давлату ҳукумати ҷумҳурӣ ба масъалаи таъмини баробарҳуқуқии мардону занон диққати ҷиддӣ медиҳад. Диққати ҷиддии роҳбарияти давлату ҳукумати ҷумҳурӣ ба масъалаи таъмини баробарҳуқуқии мардону занон буд, ки солҳои охир самаранокии татбиқи сиёсати гендерӣ дар кишварамон таъмин гаштааст.

***Пайнавишт:***

1. *Дар "Гузориши ҷаҳонӣ дар бораи тафовути ҷинсҳо-2017"-и Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ феҳристи баробарҳуқуқии марду зан дар кишварҳо таҳия шуд. Душанбе, 3 ноябри 2017 // https://sputnik-tj.com/world/20171103/1023795182.html*
2. *Европейский союз – Таджикистан. Семинар гражданского общества "Практическое применение принципов гендерного равенства в Таджикистане", 24-25 апреля 2018 года. Отчет о работе семинара.-Душанбе, 2018. - 37 с.*
3. *Европейский союз – Таджикистан. Семинар гражданского общества "Практическое применение принципов гендерного равенства в Таджикистане", 24-25 апреля 2018 года. Отчет о работе семинара.-Душанбе, 2018. -С.21.*
4. *Здравомыслова Е., Тёмкина А. Введение. Социальная конструкция гендера и гендерная система в России // Гендерное измерение социальной и политической активности в переходный период: Сб. статей. Вып. 4. - СПб., 1996. - С.5-13.*

5. *Интегрирование гендерного подхода в государственную политику Украины. – Киев: Государственный институт проблем семьи и молодежи, 2003. – 128 с.*
6. *Информационный бюллетень Программы ЕБРР «Женщины в бизнесе» в Таджикистане//EBRD TAJ WIB: 05/2019 - 1 Выпуск. –11 с.*
7. *Комплексная региональная информационная сеть (IRIN). Таджикистан: Гражданская война оставила одну из трех женщин жертвой домашнего насилия. Наши тела – их поле боя: Гендерное насилие в конфликтных зонах. –Душанбе, 2004. С. 25. http://www.irinnews.org/pdf/in-depth/gbv-irin-in-depth.pdf.*
8. *Куватова А. Гендерные вопросы в Таджикистане: последствия и влияние гражданской войны. – Женева: Институт исследований в области развития, 2010.- 136 с.*
9. *Мактаби «Зан ва сиёсат» бонувони роҳбарро тайёр менамояд// https://www.comwom.tj/articles/393-maktabi-zan-va-siyosat-bonuvoni-ro-barro-tajyor-menamoyad- (Санаи муроҷиат: 15.03.2021).*
10. *Назарияи гендер дар илмҳои гуманитарӣ. / Маҷмӯаи мақолаҳо. - Душанбе: Полиграфгруп, 2005. 39с.*
11. *Национальный обзор Республики Таджикистан по осуществлению Пекинской декларации и Платформы действий (1995 года) и итоговых документов Двадцать третьей специальной сессии Генеральной Ассамблеи ООН (2000 года) в контексте двадцатой годовщины Четверной Всемирной конференции по положению женщин и принятия Пекинской декларации и Платформы действий в 2015 году. –Душанбе, 2015. – 68 с.*
12. *Национальный обзор Республики Таджикистан по осуществлению Пекинской декларации и Платформы действий (1995 года) и итоговых документов Двадцать третьей специальной сессии Генеральной Ассамблеи ООН (2000 года) в контексте двадцатой годовщины четверной Всемирной конференции по положению женщин и принятия Пекинской декларации и Платформы действий в 2015 году//https: //unece. org/fileadmin/DAM/Gender/publications_and_papers/ Tajikistan_Report_on_the implementation_of_BPfA_June_30_2014__in_russian.pdf (санаи муроҷиат: 12.03.2021).*
13. *Обзор Пекин+25: Гендерное равенство и расширение прав и возможностей женщин в странах СПЕКА. Сентябрь 2020 года. –С.16//https://www.unescap.org/sites/default/files /ESCAP_B25_Central_Asia_ Report_ 20200911_RUS.pdf (Санаи муроҷиат: 12.03. 2021)*
14. *Паём ва рисолати созандаи он. –Хуҷанд, 2017. – 687 с.*
15. *Пекинская декларация //https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/ declarations/womdecl.shtml (Санаи муроҷиат: 12.03.2021).*
16. *Пфау-Эффингер Б. Опыт кросс-национального анализа гендерного уклада // Социологические исследования.- 2000.- №11. 35с.*
17. *Рахмонова О.Э. Развитие законодательства о правах и свободах женщин в Таджикистане (1917–2011 гг.): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2012. – 187 с.*
18. *Рӯзи Президент-заминаи пешрафти минбаъдаи истиқлолияти сиёсӣ ва нақши Пешвои миллат дар таҳкими мавқеи занон дар ҷомеа//https://comwom.tj/articles/406-r-zi-prezident-zaminai-peshrafti-minba-dai-isti-loliyati-siyos-va-na-shi-peshvoi-millat-dar-ta-kimi-mav-ei-zanon-dar-omea (Санаи муроҷиат: 12.03.2021).*
19. *Страновая гендерная оценка по Таджикистану. - Филиппины: город Мандалуёнг, Азиатский банк развития, 2016. – 151 с.*
20. *Гардинер Френсис, Лейенаар Моника. "Решительные и смелые": анализ политики "Государства, дружественного женщинам", в Ирландии и Нидерландах //*

*Обеспечение равенства полов: политика стран Западной Европы. – М.: Идея-Пресс, 2000, -136 с.*

**Reference Literature:**

1. *"World Report on Gender-2017 Differences Coming from the World Economic Forum Pointing to the Law Equalizing the Rights of Men and Women which Turned Real in Certain Countries. – Dushanbe, November 3, 2017 // https://sputnik-tj.com/world/20171103/1023795182.html*
2. *European Union – Tajikistan. Civil Society Seminar: "Practical Application of Gender Equality Principles in Tajikistan". April 24 – 25, 2018. Report on Seminar Work. – Dushanbe, 2018. – 37 pp.*
3. *European Union – Tajikistan. Civil Society Seminar: "Practical Application of Gender Equality Principles in Tajikistan". April 24 – 25, 2018. Report on Seminar Work. – Dushanbe, 2018. – – p. 21.*
4. *Zdravomyslova Ye., Tyomkina A. Introduction. Social Construction of Gender and Gender System in Russia // Gender Measurement of Social and Political Activeness in Transitional Period. Collection of Articles. – SPb., 1996. Issue 4. – pp. 5 – 13.*
5. *Integration of Gender Approach into the Ukraine State Policy. – Kiev: State Institute on the Problem of Family and Youth. 2003. – 128 pp.*
6. *Informational Bulletin of EBRD Programme "Women in Business" in Tajikistan // EBRD TAJ WIB: 05/2019. – Issue 1. – 11 pp.*
7. *Integrational Regional Informational Network (IRIN). Tajikistan: Civil War Doomed one Woman out of three to Domestic Violence. Our Bodies are their Battle Field. Gender Outrage in Zones of Conflicts. – Dushanbe, 2004. – p. 25. . http://www.irinnews.org/pdf/in-depth/gbv-irin-in-depth.pdf.*
8. *Kuvatova A. Gender Issues in Tajikistan: Aftermath and Civil War Sway. – Geneva: Research Institute in the Field of Development. 2010. – 136 pp.*
9. *The School "Woman and Politics" Trains Women-Leaders" // https://www.comwom.tj/articles/393-maktabi-zan-va-siyosat-bonuvoni-ro-barro-tajyor-menamoyad- (Date of request: 15.03.2021).*
10. *Gender Theory in Humanities // Collection of articles. – Dushanbe: Polygraphgroup, 2005. – 39 pp.*
11. *National Survey of Tajikistan Republic on Implementation of Peking Declaration and Platform of Actions (1995) and Final Documents of the twenty third Special Session of the General Assembly (2000) in the Context of the twentieth Anniversary of the fourth World conference on the Plight of Women and Adoption of Peking Declaration and Platform of Actions in 2015. – Dushanbe, 2015. – 68 pp.*
12. *National Survey of Tajikistan Republic on Implementation of Peking Declaration and Platform of Actions (1995) and Final Documents of the twenty third Special Session of the UNO General Assembly (2000) in the Context of the twentieth Anniversary of the fourth World conference on the Plight of Women and Adoption of Peking Declaration and Platform of Actions in 2015. – Dushanbe, 2015. – 68 pp. //https: //unece. org/fileadmin/DAM/Gender/publications_and_papers/ Tajikistan_Report_on_the implementation_of_BPfA_June_30_2014__in_russian.pdf (Date of request: 12.03.2021)*
13. *Survey "Peking + 25": Gender Equality and Extension of Women`s Rights and Opportunities in ESCAP Countries. September 2020. – p. 16.*

*//https://www.unescap.org/sites/default/files /ESCAP_B25_Central_Asia_ Report_ 20200911_RUS.pdf (Date of request: 12.03.2021).*
14. *Message and its Creative Mission. – Khujand, 2017. – 687 pp.*
15. *Peking Declaration //https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/ declarations/womdecl.shtml (Date of request: 12.03.2021).*
16. *Pfau-Effinger B. The Experience of Cross-National Analysis of Gender Tenor // Sociology Investigations. – 2000, #11. – 35 pp.*
17. *Rahmonova O.E. Development of the Legislation Concerned with Women`s Rights and Freedoms in Tajikistan (1917 – 2011). Candidate dissertation in jurisprudence. – Dushanbe, 2012. – 187 pp.*
18. *President`s Day Is a Prerequisite for Further Development of Political Independence and the Role of the Nation`s Leader in Strengthening of Women`s Position in Society//https://comwom.tj/articles/406-r-zi-prezident-zaminai-peshrafti-minba-dai-isti-loliyati-siyos-va-na-shi-peshvoi-millat-dar-ta-kimi-mav-ei-zanon-dar-omea (Date of request: 12.03.2021).*
19. *Country`s Gender Assessment over Tajikistan. The City of Mandaluyong, Philippines: Asian Bank of Development, 2016. – 151 pp.*
20. *Gardiner, Francis; Lenience, Monica. "The Decisive and Daring". Analysis of the Policy Pursued by "States friendly Inclined to Women" in Ireland and Netherlands // Insurance of Sex Equality: Policy of Western Europe Countries. – Moscow: Idea-Press, 2000. – 136 pp.*